## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар шароити имрӯза хеле мубрам мебошад. Истифодаи афзоиштанзимкунандаҳои нав дар соҳаи кишоварзӣ яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба масъалаи муҳими омӯзиши таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба сифати афзоиштанзимкунанда таваҷҷуҳ намудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Афзоиши аҳолии сайёра ва коҳиши майдонҳои кишт татбиқи ҳалли инноватсиониро, аз қабили истифодаи афзоиштанзимкунандаи растаниҳо тақозо мекунад, ки дар соҳаи муосири кишоварзӣ нақши калидӣ мебозад. Ин афзоиштанзимкунандаҳо имкон медиҳанд, ки ҳосилнокии зироатҳо ва сабзавот ба таври назаррас баланд гардида, сифати маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар карда шавад. Бо назардошти ин масъалаи мубрам соли 2012 дар шаҳри Страсбург (Фаронса) Конгресси якуми умумиҷаҳонӣ оид ба истифодаи афзоиштанзимкунандаҳо дар соҳаи кишоварзӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ намояндагони 600 ширкат ва ташкилот аз 56 кишвари ҷаҳон иштирок намуда, технология ва маҳсулоти худро муаррифӣ намуданд. Дар байни иштирокчиён чунин ширкатҳои машҳур, ба монанди "Arysta Life Science" (Япония), "Bio Atlantis Ltd" (Ирландия), "Agrinos AS" (Норвегия) ва дигарон буданд. Аз рӯйи натиҷаҳои конгресс эътироф карда шуд, ки истеҳсол ва истифодаи афзоиштанзимкунандаи растаниҳо самти муҳим барои ноил шудан ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Навгонии илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таъсири якчанд ҳосилаҳои нави глитсерол ба рушду нумӯи растании лӯбиё омӯхта шудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқот шароити оптималии таъсири ин

пайвастагиҳоро муайян намуда, модели математикии динамикаи азхудкунии обро таҳия намудааст. Дар нашрияҳои илмӣ афзоиштанзимкунандаи растаниҳо ҳамчун пайвастагиҳои органикии экзогении табиӣ ё сунъӣ тавсиф карда мешаванд, ки растаниҳоро бо ғизо таъмин намекунанд, балки равандҳои физиологии онҳоро танзим мекунанд ва дар консентратсияҳои истифодашаванда таъсири заҳрнок зоҳир намекунанд. Аммо дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Тоҷикистон истифодаи афзоиштанзимкунандаҳои синтетикӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Ин зарурати таҳияи моддаҳои нави аналогҳои синтетикии фитогормонҳо, инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳоро бо мақсади арзёбии таъсир ба хусусиятҳои морфологӣ ва равандҳои мутобиқшавии растаниҳо таъкид мекунад.

Аҳамияти амалии кор дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои беҳтар намудани ҳосилнокии на танҳо лӯбиё, балки дигар зироатҳои кишоварзӣ низ истифода шаванд. Инчунин, усулҳои коркардшудаи мубориза бо бемории антракноз метавонанд дар амалияи хоҷагии қишлоқ татбиқ гарданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Таҳқиқотҳои зиёд оид ба омӯзиши таъсири афзоиштанзимкунандаҳо ба растаниҳо мавҷуданд, аммо хосияти афзоиштанзимкунандагии мушаххаси ҳосилаҳои алоҳидаи глитсерол ва механизми таъсири он ба растаниҳо як ҷанбаи нисбатан камомӯхташуда боқӣ мемонанд. Дар ҳоле ки таъсири афзоиштанзимкунандаҳои маъмул, ба монанди ситокининҳо, ауксинҳо ва гиббереллинҳо, хеле хуб омӯхта ва мустанад гардидаанд, таҳқиқот оид ба ҳосилаҳои глитсерол ҳамчун афзоиштанзимкунанда бошад дар марҳилаи ибтидоӣ қарор доранд.

Бо вуҷуди баҳои мусбӣ, баъзе эродҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд:

1. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

2. Маълумот дар бораи усули гузаронидани таъсири пайвастагиҳо дар мушҳои измоишӣ пурра карда шавад.

Эродҳои зикршуда аҳамияти илмию амалии корро кам намекунанд. Автореферат аз руйи мазмун ва тартиб тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст.

Дотсенти кафедраи физиологияи нормалӣ
МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуали ибни Сино н.и.б., дотсент Ғанизода Х.А.

Имзои Х.А. Ғанизодаро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати рушди кадрӣ МДТ " ДДТТ
ба номи Абуалӣ ибни Сино" н.и.т. Сафаров Б.И.

28.02.2025

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
н. Сино, кучаи. Сино 29-31. Тел.: (+992) 446-600-39 77, 2353496
Факс: 2243687. E-mail: info@tajmedun.tj. www.tajmedun.tj